**Тақриз**

**ба автореферати Бобоева Гулбаҳор Шарифовна дар мавзӯи “Технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёни макотиби олӣ зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Дар соҳаи маориф таҳсилоти олӣ яке аз муҳимтарин муассисаи иҷтимоист, ки бо мақсади дар амал татбиқ намудани талаботи ҷомеа талош мекунад. Бинобар ин ба ҳама тағйироту равандҳои воқеии ҷамъият ҷавоб медиҳад, рушди фарҳанги миллӣ, тамоюлҳои асосии ҷаҳони тамаддуни инсонӣ ба таври махсус дар низоми таҳсилот инъикос меёбад.

Имрӯз, вусъати соҳаи таҳсилоти олӣ масъалаи сифати таълимро ба миён мегузорад. Ҷомеаи муосир ба мутахассисони баландихтисос, соҳибмаърифат, соҳиби маҳорату малакаи баланди касбӣ ва фаъолу бомасъулият ниёз дорад. Дар ин росто, маҳз ҷомеа метавонад ва бояд тавассути таъсир расонидан ба бозори меҳнати мутахассисони ҷавон омили таҳсилоти олии босифат бошад.

Диссертант масъалаи технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёни макотиби олӣ зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилотро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки дар шароити кунунӣ яке аз мавзӯъҳои умдаи низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ, дар умум ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд таъкид бояд кард, ки мавзӯе, ки Бобоева Г.Ш. дар диссертатсияи хеш ба риштаи таҳқиқ кашидааст, дар шароити рушди соҳаи маорифи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи амалии худро аз диди назариявӣ ва амалӣ то ҳанӯз ҳаллу фасли худро дар низоми кредитии таҳсилот наёфтааст.

Бобоева Г.Ш. кӯшиши зиёде ба харҷ додааст, ки аз назари илмӣ ва мантиқӣ дақиқ, фаҳмо ва саҳеҳ мақсад, вазифаҳо, фарзия, методҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарияву амалӣ, саҳеҳият ва эътимоднокӣ ва қазияҳои таҳқиқотро оид ба мавзӯи матраҳшаванда кушоду равшан ва дурусту фаҳмо мавриди баррасӣ қарор диҳад. Ба ақидаи мо диссертант аз ӯҳдаи ин кор ба дурустӣ ва бе мушкилӣ баромадааст.

Ҳамин нуқтаро бояд махсус таъкид намуд, ки унвонҷӯ дар қисмати озмоишии (экспериментӣ) кори таҳқиқотии худ шаклҳо, роҳҳо ва тарзу

усулҳоеро роҳандозӣ кардааст, ки дар пиёда сохтани масъалаи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ шароити мусоидро фароҳам оварад.

Ҳамбастагӣ ва ягонагии мақсаду вазифаҳо ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот ба диссертант имкон додаанд, ки натиҷаҳои асосноки воқеиро тавассути санҷишҳои озмоишии фарзия ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсии муаллиф ба ҳайси омӯзгор ба даст оварад.

Унвонҷӯ ба омӯзиш ва таҳлили қисмати аввали таҳқиқот ба хулосае омадааст, ки дар раванди амалигардонии низоми кредитии таҳсилот ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани сифат ва самаранокии ташаккули касбии омӯзгорони оянда мавқеи махсусро касб мекунад. Ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар ин раванд мавқеи хосро ишғол мекунад, чунки ҷараёни таълими муттасилро таъмин месозад ва яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои таълими олии касбӣ, хусусан аз рӯи ихтисосҳои педагогӣ маҳсуб меёбад.

Дар таҳқиқоти мазкур ҳолиб ба мутаваҷҷеҳ он аст, ки муҳақиқ бар он андеша аст, ки мутахассисони дар донишгоҳ омодашаванда бояд донишҳои андӯхтаашонро бо технологияи инноватсионӣ ба хонандагон интиқол дода тавонанд, малакаҳои мустақилона дониш гирифтан ва инкишофи доимии касбиро соҳиб бошад. Аз ин лиҳоз, раванди таълими донишгоҳ бояд на танҳо ба интиқоли ҳаҷми муайяни ахбор, чунин ташаккули тафаккури пурмаҳсул дар донишҷӯён, инкишофи нерӯи зеҳнии онҳо тобеъ бошад. Татбиқи ин талабот ба ташкили омӯзиши донишҷӯён, фаъолияти бо иттилооти таълимӣ алоқаманд аст, ки яке аз роҳҳои амалигардонии ташаккули салоҳиятнокии иттилоотии омӯзгорони оянда мебошад.

Натиҷаҳои таҷрибавии таҳқиқоти гузаронидашуда дар истифодаи васеи фаъолияти омӯзгорон дар омода намудани мутахассисониояндаи ҷаҳон дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишкадаи такмили ихтисоси вилояти Хатлон ёфтааст.

Вобаста ба он, ки кори таҳқиқотии мазкур дар сатҳи хуби илмӣ иҷро шудааст, натиҷаҳои таҳқиқоти ба даст омада, саҳеҳ ва эътимоднок буда, хулосаҳо ва тавсияҳои методи илман асоснок карда шудаанд, бо итминони комил метавон зикр намуд, ки кори таҳқиқотии Бобоева Г. Ш. – ро ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ҳисобида шуда, худи диссертантро барои ноил гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 –

педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дастгирӣ менамоем.

**Номзади илмҳои педагогӣ,**
**сармуаллимаи кафедраи забонҳои хориҷии**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи**
**давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Насриддинова**
**Майсара Муйддиновна**

**Сурога:**

**Имзои М.М. Насриддиноваро тасдиқ мекунам:**

**Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи**
**давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Маҳмудов Ш.**